**Нусха**

аз қарори №9/2 ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз «27» апрели соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** 10 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд, ки аз онҳо 1 нафарашон доктрони илм, 6 нафарашон номзадони илм ва 3 нафарашон муаллими калон мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи номзадии Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ н.и.ф., дотсент Усмонова М. ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ оғоз намуда, рисолаи номзадии Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовнаро, ки дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таҳти роҳбарии профессор Муҳммадҷонзода О.О.. таҳия ва омода гаштааст, барои муҳокима ва баррасӣ вогузор намуд.

Сипас, сухан ба муаллифи диссертатсия Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дода шуд. Номбурда ба таври мухтасар мазмун ва муҳтавои диссертатсияи худро баён карда, бандҳои ба муқаддима ва қисмати хулоса воридшударо зикр намуд. Ҳамчунин унвонҷӯ хулосаи таҳлилу баррасӣ ва натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотиашро ботафсил ироа намуд.

**МУҲОКИМА**:

Баъдан, аъзои ҷаласа ба муҳокимаи диссертатсия шуруъ намуданд.

Дар бораи кори диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Ж.Б Гулназарзода. н.и.ф., дотсент С.Қ. Матробиён, н.и.ф., дотсент Ш.С. Ҷабборова, н.и.ф., дотсент М.Н. Насруллоев, н.и.ф., дотсент Г.З. Абдуллоева изҳори ақида намуда, қайд карданд, ки мавзуи диссертатсия актуалӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами назарияи забон бахшида шудааст. Ҳамчунин муқарризон барои беҳтар шудани сифати кори илмӣ тавсияву пешниҳодҳои худро баён намуданд.

Пас аз баромади муқарризон диссертант ба музокира баромада, муқарризонро барои таҳлили диссертатсия ва пешниҳоду

маслиҳатҳояшон изҳори миннатдорӣ намуда, зикр кард, ки дар оянда камбудиҳои ироашуда ислоҳ хоҳанд шуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтобӣ Абдуалимовна дар мавзӯи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтобӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба ҳимоя тавсия мегардад.
3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи забони тоҷикӣ
н.и.ф., дотсент — Усмонова М.

Котиби ҷаласа — Ғуломалиева Р.

“Тасдиқ мекунам”
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
номи Сотим Улуғзода — Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович